**ФИЛИАЛИ БОНКИ «ТИҶОРАТ»-И ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ**

# ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИЕ, КИ МУТОБИҚИ ТАЛАБОТИ СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛЛАЛИИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БА 31-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2013 ТАҲИЯ КАРДА ШУДААСТ



НУСХАИ АСЛӢ

Сифат/Боэътимодӣ/Муваффақият

Consultant Audit

2014

**МУНДАРИҶА:**

МАСЪУЛИЯТИ РОҲБАРИЯТ ОИДИ ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ОМОДАСОЗӢ ВА ТАСДИҚ НАМУДАНИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ ..... 2

ҲИСОБОТИ АУДИТОРОНИ МУСТАҚИЛ ..... 3

ҲИСОБОТ ОИДИ ДАРОМАДИ УМУМИ ТАШКИЛОТ ..... 4

ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВИ ..... 5

ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ..... 7

ҲИСОБОТ ОИДИ ТАҒИРОТ ДАР САРМОЯИ ХУДДИ ..... 8

ЭЗОҲОТ БА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ ..... 9

## Масъулияти роҳбарият оид ба ҷавобгарӣ барои омодасозӣ ва тасдиқ намудани ҳисоботи молиявӣ дар даврае, ки санаи 31-уми декабри соли 2013 ба итмом мерасад.

Тасдиқоти зерин, ки бояд бо дарҷи ӯҳдадориҳои аудиторон, ки дар ҳисоботи аудиторони мустақили дар саҳифаи 3 пешниҳод шуда бо мақсади ҷудо намудани ҷавобгариҳои аудиторон ва роҳбарият нисбати ҳисоботи молиявии Филиали бонки тиҷоратии "Тиҷорат" и Ҷумҳурии исломии Эрон дар ш. Душанбе *(минбаъд «бонк»)* якҷоя дида баромада шавад.

Роҳбарияти *Бонк* барои омодасозии ҳисоботи молиявӣ, ки аз ҳама ҷиҳатҳои муҳим ҳолати молиявӣ, натиҷаҳои фаъолият, ҳаракати воситаҳои пулӣ ва тағирот дар сармояи худиро дар даврае, ки 31-уми декабри соли 2013 ба итмом расидааст мутобиқи талаботи стандартҳои ҳисоботи молиявӣ (минбаъд дар матн «СБҲМ») дуруст инъикос мекунад, ҷавобгар аст.

Ҳангоми омодасозии ҳисоботи молиявӣ роҳбарияти *Бонк* ҷавобгар аст, барои:

- Интихоби принсипҳои зарурии баҳисобгирии муҳосибавӣ ва минбаъд истифодабарии онҳо;
- Риояи талаботи стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ ва ошкор кардани фаркиятҳои муҳим аз СБҲМ дар эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ;ва
- Омодасозии ҳисоботи молиявӣ бо назардошти он ки *Бонк* фаъолияти худро дар ояндаи дур ба ғайр аз ҳолатҳое, чунин ҳисобидан ғайриимкон аст идома медиҳад;

Роҳбарият инчунин ҷавобгар аст, барои:

- Коркард, амалӣ намудан ва таъмини амал намудани системаи самаранок ва боэътимоди назорати дохилии *Бонк* ;
- Доштани системаи баҳисобгирии муҳосибавие, ки дорои имкони дар лаҳзаи дилхоҳ бо амиқии кифоя маълумот оиди ҳолати молиявии *Бонкро* мувофиқи талаботи СБҲМ тайёр карда тавонад;
- Бурдани баҳисобгирии муҳосибавӣ тибқи талаботҳои қонунгузорӣ ва стандартҳои муҳосибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Андешидани чораҳо дар доираи марбути худ барои таъмини нигоҳдории дороиҳои *Бонк*;
- Ошкор ва пешгирии далелҳои қаллобӣ, хатогиҳо ва дигар намуди суиистифодабариҳо.

Ҳисоботи молиявии мазкур барои даврае, ки 31-уми декабри соли 2013 ба итмом расидааст аз тарафи Раёсати *Бонк «_____»* ___________соли 2014 тасдиқ шудааст.

Аз номи ФБ "Тиҷорат":

| | |
|---|---|
| **Раис** | **Сармуҳосиб** |
| **Кори А.** | **Азизмуродов Ш.** |

Душанбе, 734942, Тоҷикистон
кӯчаи Н.Муҳаммад 6/2, ут. №21
Телефон : (+992) 37 881 26 77
Телефони мобилӣ : (+992) 918 36 00 88, 93 334 10 10
E-mail: info@audit.tj www.audit.tj



# ХУЛОСАИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

**Ба муассисони Филиали бонки "ТИҶОРАТ"- и Ҷумҳурии Исломии Эрон дар ш. Душанбе**

***Сарсухан***

Мо аудити ҳисоботи молиявии пешниҳоднамудаи **Филиали бонки "Тиҷорат"- и Ҷумҳурии Исломии Эрон дар ш. Душанбе** *(минбаъд «бонк»)*, ки ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ ба 31 декабри соли 2013 ва ҳисоботҳои дахлдорро дар бораи маҷмӯи даромадҳо, ҳаракати воситаҳои пулӣ ва тағиротҳои сармояи худӣ дар соле, ки дар санаи зикргардида ба итмом мерасад ва инчунин изҳори мухтасари принсипҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ ва дигар эзоҳотро нисбати ҳисоботи молиявии мазкур дар бар мегирад, ба итмом расонидем.

***Масъулияти роҳбарият оид ба омодасозии ҳисоботи молиявӣ***

Масъулият оид ба омодасозии ҳисоботи молиявии мазкур ва мувофиқати он ба талаботҳои Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ба зиммаи роҳбарияти *Бонк* вогузор карда шудааст. Масъулияти мазкур аз: таъсис додан, ҷорӣ ва дастгирӣ намудани сохтори назорати дохили ҷиҳати омодасозӣ ва пешниҳоди ҳисоботи боэътимоди молиявӣ, ки дар худ таҳрифҳои ҷиддӣ дар натиҷаҳои суиистифодабариҳои молиявӣ, хамчунин натиҷаи хатогӣ надоранд; интихоб ва татбиқи сиёсати дахлдори бахисобгирӣ, инчунин татбиқи баҳодиҳии муҳосибавии асоснок, иборат мебошад.

***Масъулияти аудитор***

Вазифаи мо аз изҳори ақида ҷиҳати дуруст ва боэътимод будани хисоботи молиявии мазкур дар асоси аудити гузаронидаи мо иборат мебошад. Мо аудитро мутобиқи талаботҳои Стандарти байналмилалии аудит ба анҷом расонидем. Стандартҳои мазкур аз мо риоя намудани меъёрҳои этики, инчунин ба нақшагирӣ ва гузаронидани аудитро бо мақсади боварии комил ҳосил намудан, ки ҳисоботи молиявӣ дорои таҳрифҳои ҷиддӣ намебошанд, талаб менамоянд.

Аудит дар худ анҷом додани амалиётҳое, ки ба гирифтани далелҳои аудитӣ нисбати нишондиҳандаҳои шуморавӣ ва эзоҳ ба ҳисоботи молиявӣ вобаста аст, дар бар мегирад. Интихоби амалиётҳои зарурӣ аз фикру ақидаи касбии аудитор асос мeёбанд, ки аз он чумла баҳо додан ба хавфи муҳими таҳрифи ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи суистифодаи молиявӣ ё хатогиҳо асос мегиранд. Баҳодиҳии чунин хавфҳо, баррасии сохтори назорати дохиларо аз рӯи омодасози ва дуруст будани ҳисоботи молиявӣ бо мақсади коркарди амалиётҳои аудитие, ки дар холатхои мазкур татбик мешаванд дар бар мегирад, на бо мақсади изҳори фикру ақида нисбати самаранокии сохтори назорати дохила асос мeёбад. Аудит таҳлили принсипҳои ҳисоботи муҳосибавӣ ва муҳимияти баҳодиҳиро, ки аз ҷониби роҳбарият омода шудааст, инчунин баҳодиҳии умумиро бобати ҳисоботи молиявӣ дар бар мегирад.

Мо чунин меҳисобем, ки аудити гузаронидаи мо асоси кофӣ ва боэътимод барои изҳори ақидаи мо мегардад.

***Ақидаи аудитор***

Ба ақидаи мо, ҳисоботи молиявии пешниҳодшуда дар тамоми ҷанбаи худ вазъи ҳақиқии молиявии Бонкро ба санаи 31-уми декабри соли 2013, инчунин натиҷаҳои молиявии он ва ҳаракати воситаҳои пулиро дар тули як соле, ки дар санаи зикргардида анҷом дода шудааст, мутобиқи Стандартхои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ дуруст инъикос мекунад.

**ш. Душанбе, 18 апрели соли 2014**

**Дустов Сафарбек**

**Директори ҶДММ «Консултант Аудит»**

Иҷозатномаи Бонки Миллии Тоҷикистон БМТ №0000017 аз 08 январи соли 2014

## ҲИСОБОТ ОИДИ ДАРОМАДИ УМУМӢ

дар соли ба санаи 31-уми декабри соли 2013 ба итмом расида

| Моддаҳо | Эзоҳ | 2012с. | 2013с. |
|---|---|---|---|
| Даромади фоизӣ | 4.1 | 2 639 213 | 2 433 116 |
| Хароҷоти фоизӣ | 4.3 | -44 341 | - |
| **Даромади холиси фоизӣ** | | **2 594 872** | **2 433 116** |
| Даромад аз хизматрасониҳои комиссионӣ | 4.2 | 3 945 321 | 7 074 076 |
| Хароҷот аз хизматрасониҳои комиссионӣ | 4.3 | -15 789 | -35 382 |
| **Даромади холис аз хизматрасонии комиссионӣ** | | **3 929 532** | **7 038 694** |
| Даромад аз ҳисоби амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 4.4 | 56 463 914 | 30 331 665 |
| Хароҷот аз ҳисоби амалиетхо бо асъори хориҷӣ | 4.5 | -56 096 250 | -29 476 149 |
| **Даромади холис аз амалиётҳо бо асъори хориҷӣ** | | **367 664** | **855 516** |
| Дигар даромадҳо | 4.6 | 5 740 | 35 617 |
| **Натиҷаи холис** | | **5 740** | **35 617** |
| **Ҳамагӣ даромадҳо тарҳи хароҷоти фоизӣ** | | **6 897 808** | **10 362 943** |
| Хароҷоти амалиётӣ | 4.7 | -1 611 412 | -1 665 179 |
| **Даромад то пардохти андоз аз даромад** | | **5 286 396** | **8 697 764** |
| Хароҷот барои андоз аз даромад | 4.8 | -1 653 111 | -3 166 392 |
| **Фоида (зарари) холис** | | **3 633 285** | **5 531 372** |

**Раис** **Сармуҳосиб**

**Кори А.** **Азизмуродов Ш.**

## ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ

Ба 01 январи соли 2014

| | Эзоҳ | 2012с. | 2013с. |
|---|---|---|---|
| **Дороиҳо** | | | |
| ***Дороиҳои ҷорӣ*** | | | |
| Воситаҳои пулӣ | **5.1** | 2 085 096 | 1 373 598 |
| Барои гирифтан аз Бонки милли ҶТ | **5.2** | 3 592 741 | 4 340 836 |
| Захираи ҳатмӣ дар Бонки милли ҶТ | **5.3** | 241 731 | 361 206 |
| Ҷойгиркунии мӯҳлатноки воситаҳо дар дигар бонкҳои ҶТ бо асъори миллӣ | **5.4** | 21 911 000 | 23 935 250 |
| Суратҳисобҳои мукотибавии дигар бонкҳои берун аз ҶТ бо асъори хориҷӣ | **5.5** | 46 286 062 | 47 848 845 |
| Қарзҳои мизоҷон | **5.6** | 4 170 317 | 3 170 943 |
| Фоизҳо барои гирифтан | **5.7** | 2 156 | - |
| Дороиҳои ҷории дигар | **5.8** | 3 444 | 3 188 |
| ***Ҳамагӣ дороиҳои ҷорӣ*** | | ***78 292 547*** | ***81 033 866*** |
| ***Дороиҳои дарозмуддат*** | | | |
| Воситаҳои асосӣ | **5.9** | 1 258 637 | 1 181 221 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | **5.10** | 22 886 | 20 597 |
| ***Ҳамагӣ дороиҳои дарозмуддат*** | | ***1 281 523*** | ***1 201 818*** |
| **Ҳамагӣ дороиҳо** | | **79 574 070** | **82 235 684** |
| **Ӯҳдадориҳо ва сармоя** | | | |
| ***Ӯҳдадориҳои ҷорӣ*** | | | |
| Амонатхои мизоҷон | **5.11** | 4 060 174 | ***3 934 599*** |
| Дигар амонатҳо | **5.12** | 140 822 | ***230 935*** |
| Барои пардохт ба бонкхои берун аз каламрави ҶТ | **5.13** | 33 564 831 | ***30 391 016*** |
| Фоизҳо барои пардохт | **5.14** | 2 156 | - |
| Андоз аз фоида барои пардохт | **5.15** | 388 560 | ***730 235*** |
| ***Ҳамагӣ ӯҳдадориҳои ҷорӣ*** | | ***38 156 543*** | ***35 286 785*** |
| ***Ӯҳдадориҳои дарозмуддат*** | | - | - |
| ***Ҳамагӣ ӯҳдадориҳои дарозмуддат*** | | | |
| ***Ҳамагӣ уҳдадориҳо*** | | - | - |
| **Сармояи худӣ** | | | |
| Сармояи саҳомии пардохташуда | **5.16** | 16 409 725 | 16 409 725 |
| Фоидаи тақсимнашуда | **5.16** | 24 894 372 | 30 425 744 |
| Захираҳои азнавбаҳодиҳии воситаҳои асоси | **5.16** | 13 430 | 13 430 |
| Захира аз хисоби фоида | **5.16** | 100 000 | 100 000 |
| ***Ҳамагӣ сармоя*** | | ***41 417 527*** | ***46 948 899*** |
| **Ҳамагӣ ӯҳдадориҳо ва сармоя** | | **79 574 070** | **82 235 684** |

**Раис** **Сармуҳосиб**

**Кори А.** **Азизмуродов Ш.**

## ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ

дар соли ба санаи 31-уми декабри соли 2013 ба итмом расида

| | эзоҳ | 2012с. | 2013с. |
|---|---|---|---|
| ***Ҳаракати нақдина бо амалиётҳои операционӣ*** | | | |
| Фоида\зарари соф | | 3633285 | 5531372 |
| Хароҷоти фарсоиш ва истехлоки дороиҳо | | 120031 | 111889 |
| Хароҷоти ФПТИ | | 21623 | 27609 |
| Даромад/хароҷот аз камшавии арзиши дороиҳо | | 5740 | -35617 |
| ***Ҳаракати нақдина бо даромадҳои операционӣ то тағирёбии дороиҳои амалиёти ва ӯҳдадориҳо*** | | ***3780679*** | ***5635253*** |
| ***Тағирёбии дороиҳои гардон ва ӯҳдадориҳо:*** | | | |
| Афзуншави\камшавии холиси карзхои мизочон | | -1821146 | 1007381 |
| Афзуншави\камшавии холиси фоизхо барои гирифтан | | 349 | 2156 |
| Афзуншави\камшавии холиси дороихои дигар | | -254 | 256 |
| Афзуншави\камшавии холиси амонатхои мизочон | | -6439761 | -125575 |
| Афзуншави\камшавии холиси амонатхои дигар | | -20291 | 90113 |
| Афзуншави\камшавии холиси барои пардохт ба дигар бонкхо | | -19069887 | -3173815 |
| Афзуншави\камшавии холиси хисобхо барои пардохт | | -329622 | - |
| Афзуншави\камшавии холиси фоизхо барои пардохт | | -349 | -2156 |
| Афзуншави\камшавии холиси андозхо барои пардохт | | -295735 | 341675 |
| ***Ҳаракати холиси тағирёбии дороиҳои гардон ва ӯҳдадориҳо:*** | | **-27976696** | **-1859965** |
| ***Гардиши холиси нақдина барои амалиётҳои операционӣ*** | | **-24196017** | **3775288** |
| Хариди таҷҳизот ва моликият | | -14303 | -32183 |
| ***маблағҳои холиис барои амалиётҳои операционӣ истифодашуда*** | | **-14303** | **-32183** |
| ***Гардиши софи нақдина барои амалиётҳои молиявӣ*** | | **-** | **-** |
| **Афзуншавии холиси нақдина** | | **-24 210 320** | **3 743 105** |
| ***Воситаҳои пулӣ ба аввали сол*** | **5.1,5.2, 5.4,5.5** | **98326950** | **74 116 630** |
| ***Воситаҳои пулӣ ба охири сол*** | **5.1,5.2, 5.4,5.5** | **74 116 630** | **77 859 735** |

**Раис** — **Кори А.**

**Сармуҳосиб** — **Азизмуродов Ш.**

## ҲИСОБОТ ОИДИ ТАҒИРОТ ДАР САРМОЯ

дар соли ба санаи 31-уми декабри соли 2013 ба итмом расида

| | **Сармояи сахомии пардохташу-да** | **Фоидаи тақсимна-шуда** | **Захираҳои азнавбаходиҳии воситаҳои асоси** | **Захира аз хисоби фоида** | **Ҳамаги** |
|---|---|---|---|---|---|
| **Бақия дар 01 январи соли 2013** | 16 409 725 | 24 894 372 | 13 430 | 100 000 | **41 41 7527** |
| Зиёдшавии сармоя дар давраи ҳисоботӣ | - | - | - | - | - |
| Фоидаи соф (зарар) | - | 5 531 372 | - | - | **5 531 372** |
| Гузаронидан ба сармояи захиравӣ | - | - | - | - | **-** |
| Ҳақуссаҳм (дивидендҳо) | - | - | - | - | **-** |
| **Бақия дар 31 уми декабри соли 2013** | **16 409 725** | **30 425 744** | **13 430** | **100 000** | **46 948 899** |

**Раис** — **Сармуҳосиб**

**Кори А.** — **Азизмуродов Ш.**

# ЭЗОҲОТ БА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

## ЭЗОҲИ 1. САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТ

Филиали Бонки “Тиҷорат”- и Ҷумҳурии Исломии Эрон дар ш. Душанбе *(минбаъд «бонк»)* шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, фаъолияти худро мувофиқи Низомнома ба роҳ мондааст.

Суроғаи ҳуқуқии бонк: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудаки 88

Дар асоси Иҷозатномаи Бонки Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 38027-22 барои иҷрои амалиётҳои бонки бо асъори милли ва инчунин Иҷозатнома аз 13 уми майи соли 2003 таҳти рақами 38027-22 барои иҷрои амалиётҳои бонки бо асъори хориҷи ки аз тарафи БМТ дода шудааст, фаъолият менамояд.

Аъзои Шурои филиали Бонки “Тиҷорат”-и Ҷумҳурии Исломии Эрон дар ш. Душанбе инҳо мебошанд:

Бонки “Тиҷорат”и Ҷумҳурии Исломии Эрон дар шаҳри Теҳрон.

## ЭЗОҲИ 2. АСОСҲОИ ОМОДАСОЗИИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

Асос барои омодасозии ҳисоботи молиявии *Бонк* ин талаботи стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ ба ҳисоб мераванд.

Ҳангоми тартиб додани ҳисоботи молиявӣ фарзияи асоси ин усули ҳисобкунӣ ва усули фаъолияти муттасили *Бонк* ба ҳисоб мераванд.

Усули ҳисобкунӣ тахмин мекунад, ки таъсири амалиётҳо ва дигар ҳодисаҳо дар ҳисоботи молиявӣ дар лаҳзаи содиршавии онҳо эътироф карда мешаванд, на ҳангоми воқеиятан гирифтан ва пардохтани воситаҳои пулӣ дар давраҳои муттаносиби ҳисоботӣ.

Усули мунтазам пешбини мекунад, ки *Бонк* ният ва зарурати барҳамхурӣ ва ё ихтисори назарраси соҳаҳои фаъолиятро дар ояндаи наздик надорад.

### ЭЗОҲИ 2.1 ТАРКИБИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

Таркиби ҳисоботи молиявии *Бонк* аз ҳисоботи зерини молиявӣ иборат аст:

- ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ;
- ҳисобот оиди даромади умумӣ;
- ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ;
- ҳисобот оиди тағирот дар сармоя;
- эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ.

Давраи ҳисоботии *Бонк* соли тақвимӣ ба ҳисоб меравад. Моддаҳои назарраси ҳисоботи молиявӣ дар шакли кушода ва алоҳида нишон дода шудаанд ва моддаҳои номуҳим гурӯҳбандӣ карда шудаанд.

### ЭЗОҲИ 2.2 АСЪОРИ ҲИСОБОТ

Ба сифати асъори амалкунанда ва асъори пешниҳод намудани ҳисоботи молиявӣ *Бонк* асъори миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Сомониро истифода мебарад.

## ЭЗОҲИ 3. ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ БАҲИСОБГИРӢ

### ЭЗОҲИ 3.1 ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА ҲАМАРЗИШИ ОНҲО

Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзиши онҳо аз маблағи нақд дар хазинаи Бон*к*, ҳисобҳои мукотибавии Бонки миллӣ ва дигар бонкҳо мавҷудбуда ва маблағи дар ҳисобҳои ҷории бонкӣ мавчуд буда, иборат мебошанд.

## ЭЗОҲИ 3.2 ҚАРЗҲОИ ДОДАШУДА БА МИЗОҶОН

Тибқи сиёсати баҳисобгирии *Бонк* қарзҳо дороиҳои молиявиеро ифода мекунанд, ки дар натиҷаи додани маблағи пулӣ бевосита ба қарзгиранда ба вуҷуд меоянд. Дар баҳисобгирӣ қарзҳо ба сифати дороиҳои молиявӣ ҳангоми додани маблағи пули ба карзгиранда эътироф карда мешаванд ва саравал онҳо бо арзиши ибтидоӣ (аслӣ) баҳо дода мешаванд. Қарзҳо бо маблағи қарзи асосии пардохтанашуда мутобики шартномаи қарз баҳисоб гирифта мешаванд. Хароҷоти ба расмиятдорорӣ ва баҳодихии гарав, инчунин дигар хароҷоти ҳуқуқӣ ҳангоми ба вуқуъ омаданашон ба хароҷот дохил карда мешаванд.

Ба қарзҳои батаъхирафтода қарзҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо гузаштани мӯҳлат ё напардохтани қарз мушоҳида шудааст ва онҳо ҳамчун шубҳаовар ва чоранопазир (бээътимод) банду баст карда шудаанд.
Аз нав банду баст кардан аз ҳисоби қарзҳои стандарти ба ҳисоби қарзҳои мӯҳлаташон гузашта дар рузи эътироф намудани батаъхир афтодани мӯҳлати пардохт ба амал бароварда мешавад.

*Бонк* дар ҳар як санаи ҳисоботӣ (хармоҳа) мавҷуд будани аломатҳои гуногуни эҳтимолияти пастшавии арзиши фоизҳои ҳисобишуда ва \ё ки маблағи асосии қарзро баҳо медиҳад. Баҳодиҳии мавҷудияти ягон намуд аломати воқеии пастшавии дороии молиявӣ дар асоси далелҳои дар лаҳзаи омода сохтани хисоботҳои молиявӣ (дар охири ҳар моҳ) сурат мегирад.

Дар сурати мавҷуд будани аломатҳои объективи вобаста ба пастшавии арзиши карзҳои додашуда дар натиҷаи ҳодисаҳое, ки пас аз эътирофи ибтидоии дороӣ ба вуқуъ омадаанд, *Бонк* барои пӯшонидани зарар фонди пӯшонидани талафоти имконпазир таъсис медиҳад. Ҳисобу китоби фонди пӯшонидани талафоти имконпазир дар асоси таҳлили дороиҳое, ки онҳо зери таҳдиди хавф қарор доранд гузаронида мешавад. Пас аз муайян намудани аломатҳои объективии беқурбшавӣ дар асоси индивидуалӣ ва бо шарти мавҷуд набудани чунин аломат, қарзҳо ба гурӯҳи активҳои молиявӣ, ки хусусияти ба ҳам монанди хавфи қарзӣ доранд барои муайян кардани аломати пастшавии арзиши он дар маҷмӯъ дохил карда мешаванд.

Ҳангоми гурӯҳбандии сандуқи қарзӣ ва барои таъсис додани фонди пӯшонидани талофии эҳтимоли (ФПТИ), *Бонк* мукаррароти сиёсати баҳисобгирии тасдиқшударо татбиқ менамояд.

Аз навҳисобкунии ФПТИ ҳармоҳа дар асоси пардохти ҳақикии маблағи асосӣ ва фоизҳо инчунин ҳисоботи омоданамудаи шуъбаи қарздиҳӣ амалӣ карда мешавад.

Дар ҳолати номувофиқатии захираҳо *Бонк* ҳисобкуниҳои иловагиро ба захираҳо дар он даврае, ки норасоии захираҳо ошкор карда шуда буд мегузаронад. Захираи умумӣ барои беқурбшавӣ аз рӯи қарзҳои стандартӣ таъсис дода намешавад.

Азҳисоббарории қарзҳои зиёда аз 180 рӯз батаъхирафтода мувофиқи сиёсати қарздиҳӣ бо қарори кумитаи қарзӣ гузаронида мешавад. *Бонк* пас аз азҳиссоббарори дар тавозун ҳамаи чораҳоро барои ситодани қарзҳои азҳиссоббаровардашуда меандешад. Қарзҳои азҳисоббаровардашуда дар ҳисобхои ғайритавозунӣ на камтар аз се сол пас аз лаҳзаи азҳисоббаровардан инъикос карда мешаванд.

## ЭЗОҲИ 3.3 ДОРОИҲОИ ДИГАР

Ба сифати дороиҳои дигар ҳисобҳо барои қабул, пешпардохти андозҳо, пешпардохтҳо ба кормандон, пешпардохтҳо барои хизматрасониҳо ва ғайраҳо баҳисоб гирифта мешаванд.

## ЭЗОҲИ 3.4 ИҶОРАИ АМАЛИЁТӢ

Иҷорае, ки қисми муҳими хавфҳо, ҳуқуқи соҳибии он ба иҷорадеҳ мемонад иҷораи амалиётӣ эътироф карда мешавад.

## ЭЗОҲИ 3.5 ВОСИТАҲОИ АСОСӢ

Воситаҳои асосӣ ба сифати дороӣ аз рӯи хароҷоти воқеӣ барои хариди онҳо эътироф карда мешаванд. Пас аз эътирофи аввала воситаҳои асосӣ пас аз тарҳи истеҳлоки\фарсоиши ҷамъшуда баҳисоб гирифта мешаванд.

Барои ҳисоби истеҳлок аз рӯи ҳамаи воситаҳои асосӣ усули ҳисобкунии истеҳлок мутобиқи моддаи 153 Кодекси андоз истифода бурда мешавад.Бо мақсади тартиб додани ҳисоботи мутобиқ ба талаботҳои

СБҲМ (IAS) 16 «Воситаҳои асосӣ», инчунин муқаррароти Сиёсати бахисобгирии *Бонк* истехлоки воситаҳои асосӣ бо усули мустақим ҳисоб карда шудааст.
*Бонк* меъёрҳои зеринро барои ҳисобкунии истеҳлоки \фарсоиши воситаҳои асосӣ муайян кардааст:

| **Гурӯҳи дороиҳо** | **Меъёри фоиз** |
|---|---|
| Таҷҳизоти компютерӣ | 20% |
| Мебели дафтардорӣ, Таҷҳизоти идора | от 8%-15% |
| Воситахои наклиётӣ | 15% |
| Бинои бонк | 7% |

## ЭЗОҲИ 3.6 ДОРОИҲОИ ҒАЙРИМОДДӢ

Дороиҳои ғайримоддӣ дар баҳисобгирӣ аз рӯи арзиши аввалаи онҳо баҳисоб гирифта мешаванд. Арзиши аввала дар худ ҳамаи хароҷоти барои хариди онҳоро дар бар мегирад. Истеҳлоки дороиҳои ғайримоддӣ бо усули мустақим вобаста ба мӯҳлати истифодабарии самарабахш ҳисоб карда мешавад:

| **Гурӯҳи дороиҳо** | **Меъёри фоиз** |
|---|---|
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 10% |

## ЭЗОҲИ 3.7 ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ

Воситаҳои қарзӣ ва амонатҳо саравал аз рӯи арзиши бадастовардани онҳо бахисоб гирифта мешаванд, ки маблағи воситаҳои гирифташуда бо тарҳи хароҷоти сарфшударо барои иҷрои ин амалиётҳоро дар бар мегирад.

Минбаъд воситаҳои қарзӣ аз рӯи арзиши истеҳлокшуда баҳисоб гирифта мешаванд ва фарқият байни маблағи воситаҳои гирифташуда ва арзиши пардохташуда дар ҳисобот оиди фоида ва зарар дар давраи қарзгирӣ ба сифати хароҷоти фоизӣ инъикос мегардад. Фоизҳо аз рӯи қарзҳои гирифташуда ҳармоҳа аз рӯи арзиши номиналии андозаи фоиз аз бақияи напардохтаи маблағи асосӣ ва ё аз маблағи асосӣ вобаста ба шартҳои қарордоди қарзӣ ҳисоб карда мешаванд.
Бонк шаклҳои зерини амонтҳоро аз амонатгузорандагон ҷалб мекунад:

- ⇒ Амонатҳои тодархости бо асъори милли ва хориҷӣ
- ⇒ Амонатҳои ғайрирезидентҳо бо асъори милли ва хориҷӣ
- ⇒ Амонатҳои пасандози бо асъори милли ва хориҷӣ

Фоизҳои ҳисобкардашудаи амонатҳо дар ҳисобот оиди даромадҳои умумӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ӯҳдадориҳои ҷорӣ дар тавозуни *Бонк* вобаста ба пайдо шуданашон - ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ бо кормандон аз рӯи музди меҳнат, маблағҳои ҳисобшудаи ӯҳдадориҳои андозҳо, ӯҳдадориҳои ҳисобшуда аз рӯи пардохти хароҷоти асосӣ ва ғ.нишон дода мешаванд.

## ЭЗОҲИ 3.8 ЭЪТИРОФИ ДАРОМАД ВА ХАРОҶОТ

*Бонк* дар рафти фаъолияти амалиётии худ даромад ва хароҷотро аз рӯи усули ҳисобкунӣ эътироф мекунад. Усули ҳисобкунӣ пешбинӣ менамояд, ки даромад дар ҳамон давраи ҳисоботие, ки ба даст оварда шудааст эътироф карда мешавад новобаста аз он, ки воситаҳои пулӣ ба *Бонк* ҳануз ворид нашудаанд. Ҳамчунин хароҷот дар ҳамон давраи ҳисоботие, ки онҳо ҷой доштанд новобаста аз он, ки аз тарафи *Бонк* дар давраи мазкури ҳисоботи пардохта шудаанд ё не, инъикос карда мешаванд.

## ЭЗОҲИ 3.9 АНДОЗБАНДӢ

Хароҷоти андоз аз фоидаи дар ҳисобот оиди даромади умумӣ инъикос шуда дар худ маблағи ҷории андоз аз фоидаро мувофиқи конунгузориҳои андози амалкунанда ва андоз аз фоидаи мавқуфгузошта таҷассум мекунад.

Фоида то андозбандӣ аз фоидаи андозбандишаванда фарқ мекунад, чунки ҳангоми муайян намудани манбаи андоз аз фоида моддаҳои бо мақсади андозбандӣ барои ҳисоби андоз истисношаванда ба эътибор гирифта намешаванд. Ҳангоми ҳисобу китоби андоз аз фоида меъери 25% истифода бурда мешавад.

Андозбандии мавқуфгузошта аз рӯи андоз аз фоида бо усули дороиҳои тавозунӣ ва ӯҳдадориҳо нисбати ҳамаи фарқиятҳои муваққатӣ байни манбаи андози дороиҳо ва арзиши тавозунии онҳо мувофиқи ҳисоботи молиявӣ ҳисоб карда мешавад. Дороиҳо ва ӯҳдадориҳо аз рӯи андозҳои мавқуфгузошташуда бо истифодаи меъёрҳои андозбандие, ки интизор меравад, ки дар он соле, ки дороиҳо фурӯхта мешаванд ва ӯҳдадориҳо пардохта мешаванд, муайян карда мешаванд, ки ба меъерҳои андозбандие, ки дар давраи мазкур муайян шуда буданд ва ё дар санаи ҳисоботӣ воқеан муайян шуданд, асос меёбанд.

Дороиҳо аз рӯи андозбандии мавқуфгузошташуда ба он дараҷае инъикос мешаванд, ки дар он эҳтимолияти гирифтани фоидаи андозбандишаванда вуҷуд дорад ки нисбати он фарқиятҳои муваққатӣ истифода бурда мешаванд.

## ЭЗОҲИ 3.10 АМАЛИЁТ БО АСЪОРИ ХОРИҶӢ

*Бонк* ҳисоботи молиявиро бо асъори миллӣ омода ва пешниҳод менамояд.

Ҳамаи амалиёт бо асъори хориҷӣ дар рузи содир намудани амалиёт бо қурби асъори хориҷӣ, ки Бонки Миллии Тоҷикистон муайян кардааст, инъикос карда мешаванд.

Азнавбаҳодиҳии бақияи ҳисобҳои дороиҳо ва ӯҳдадориҳое, ки бо асъори хориҷӣ дарҷ шудаанд ба таври ҳарруза – бо мақсади муайян намудани фоида ва зарар аз тағирёбии қурби асъор гузаронида мешавад. Барои ин бақияи ҳамаи ҳисобҳо бо асъори хориҷӣ ба асъори миллӣ бо қурби муайяннамудаи Бонки Миллии Тоҷикистон бо тартиби зерин гузаронида мешаванд:

а) Дороиҳо ва пассивҳо бо асъори хориҷӣ (ба ғайр аз дороиҳо ва пассивҳое, ки дар п. б нишон дода шудааст) ҳарруз нисбати қурби асъори мазкур ба пули миллӣ азнав бахо дода мешаванд.

б) Сармояи оинномавӣ баҳо дода намешавад.

в) Дороиҳо дар шакли воситаҳои асосӣ ва дигар моликияти моддӣ (инвентарҳои хоҷагӣ, маводхо, предметҳои камарзишу зудфарсудаванда ва ғ.) дороихои ғайримоддие, ки аз хисоби воситаҳои асъорӣ таъсис шудаанд дар асоси қурби дар рузе, ки амалиёт анҷом ёфтааст баҳо дода шуда, минбаъд азнавбаҳодиҳӣ бо сабаби тағир ёфтани қурби асъори миллӣ нисбати асъори хориҷӣ гузаронида намешавад.

Дар сурати ба амал омадани фарқияти қурб ҳангоми аз навбаҳодиҳии моддахои асъории тавозун *Бонк* фоида ва зарарро аз тағирёбии қурб эътироф мекунад, ки дар ҳисобҳои молиявӣи-ихоҷагии фаъолияти *Бонк* дар он моҳе, ки онхо ба амал омаданд, инъикос карда мешаванд.

## ЭЗОҲИ 3.11 САРМОЯИ ХУДӢ

Сармояи худии *Бонк* аз сармояи оинномавӣ, сармояи захиравӣ ва фоидаи тақсимнашуда иборат аст. Сармояи худии *Бонк* 46 948 899,00 сомониро ташкил медиҳад.

## ЭЗОҲИ 3.12 ХАВФИ ҚАРЗӢ

Дар ҷараёни фаъолият *Бонкро* хавфи қарзӣ таҳдид мекунад, ки он ба саривакт напардохтан ва ғайриимконпазирӣ ва ё нопурра пардохтани қарзҳо ва фоизхои ҳисобшуда алокаманд аст.

Зери таҳдиди хавф қарор доштан ба воситаи таҳлили мунтазами қобилияти қарздорон ва қарзгирони имконпазир барои баргардонидани фоизҳои ҳисобшуда ва маблағи асосӣидора карда мешавад.

Зери тахдиди хавфи қарзӣ қарор доштан ба воситаи ба воситаи гирифтани гарав ва кафолатҳо идора карда мешавад. *Бонк* аз рӯи дастури сиёсати қарзӣ талаботҳоро барои таъмини гарав вобаста ба маблағи дархостшавандаи қарзгир, давраҳо ва таърихи қарзии қарзгир тасдиқ кардааст.

## 3.13 ХАВФИ АСЪОРӢ

Ба Бонк хавфи асъорӣ аз тағирёбии қарби асъори хориҷи, ки ба вазъияти молиявии бонк ва ҳаракати воситаҳои пули вобастаги дорад, таъсир мерасонад.

## 4. ЭЗОҲОТ БА ҲИСОБОТ ОИДИ ДАРОМАДИ УМУМӢ

### ЭЗОҲИ 4.1 ДАРОМАДҲОИ МОЛИЯВӢ

*Бонк* дар ҷараёни фаъолияти худ дар шакли фоизҳо аз рӯи қарзҳо ва пардохтҳои комиссионӣ ва даромадҳои комиссиони аз интиқоли маблағҳо аз муштариён рӯёнидашуда даромад мегирад. Даромад ва хароҷот аз рӯи натиҷаи соли 2013 дар ҷадвалҳои дар поён овардашуда пешниҳод шудаанд:

| Номгуй | 2012с. | 2013с. |
|---|---|---|
| Даромади фоизӣ | 1 | - |
| Даромади фоизӣ - ҷойгиркунии муҳлатнок | 1 918 154 | 1 644 161 |
| Даромади фоизӣ - аз карзхои ташкилотхои тиҷоратӣ | 576 855 | 695 406 |
| Даромади фоизи -аз қарзҳои соҳибкорон | - | 57 631 |
| Даромади фоизи -аз қарзхои шахсони вокеъӣ | 144 203 | 35 918 |
| **Хамаги даромадхои фоизи** | **2 639 213** | **2 433 116** |

### ЭЗОҲИ 4.2. ДАРОМАД АЗ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ КОМИССИОНИ

| Номгуй | 2012с. | 2013с. |
|---|---|---|
| Даромад аз хизматрасонихои комиссиони | 712 873 | 189 904 |
| Даромади комиссиони аз интиколи маблагхо | 3 232 448 | 6 884 172 |
| **Ҳамаги даромадхои комиссиони** | **3 945 321** | **7 074 076** |

### ЭЗОҲИ 4.3. ХАРОҶОТ АЗ РӮИ КОМИССИЯ ВА ХИЗМАТРАСОНИҲО

| Номгуй | 2012с. | 2013с. |
|---|---|---|
| Харочоти фоизи барои чойгиркунихои мӯҳлатнок | 44 341 | - |
| Дигар хароҷоти хизматрасонихо\хакгузори | 15 789 | 35 382 |
| **Ҳамагӣ харочоти комиссионӣ** | **60 130** | **35 382** |

### ЭЗОҲИ 4.4. ДАРОМАД АЗ ҲИСОБИ АМАЛИЁТҲО БО АСЪОРИ ХОРИҶИ

| | 2012с. | 2013с. |
|---|---|---|
| Даромад аз ҳисоби амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 429 115 | 505 053 |
| Даромад аз ҳисоби азнавбаходиҳии асъори хориҷӣ | 56 034 799 | 29 826 612 |
| **Ҳамагӣ даромад аз хисоби амалиетхо бо асъори хориҷӣ** | **56 463 914** | **30 331 665** |

### ЭЗОҲИ 4.5. ХАРОҶОТ АЗ ҲИСОБИ АМАЛИЁТҲО БО АСЪОРИ ХОРИҶИ

| | 2012с. | 2013с. |
|---|---|---|
| Хароҷот аз ҳисоби амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 152 203 | 218 718 |
| Хароҷот аз ҳисоби азнавбаходихии асъори хориҷӣ | 55 944 047 | 29 257 431 |
| **Ҳамагӣ хароҷот аз ҳисоби амалиётхо бо асъори хориҷӣ** | **56 096 250** | **29 476 149** |

### ЭЗОҲИ 4.6. ДИГАР ДАРОМАДҲО

| | 2012с. | 2013с. |
|---|---|---|
| Даромад аз ҳисоби барқарорсозии арзиши қарзхо | 5 740 | 35 617 |
| **Хамаги дигар даромадҳо** | **5 740** | **35 617** |

### ЭЗОҲИ 4.7. ХАРОҶОТИ АМАЛИЁТӢ

| **НОМГУИ ХАРОҶОТ** | **2012с.** | **2013с.** |
|---|---|---|
| Маоши кормандон | 205 670 | 221 198 |
| Пардохтҳои иловагӣи барои кормандон ва хизматчиён | 14 101 | 37 449 |
| Маблагузорихо ба фонди хифзи ичтимои | 54 885 | 64 662 |
| Хароҷоти хизматрасонихои тиббӣ | 3 159 | 1 915 |
| Пардохти ҳақи хизмати аудиторони берун | 8 500 | 8 500 |
| Пардохти хаки хизмати хукукшиносон | 18 906 | 14 904 |
| Ҷарима ва товонхо (Бонки миллии ЧТ) | 5 000 | 15 000 |
| Андози Фонди рох | 132 773 | 160 679 |
| Дигар андоз ва литсензияхо | 1 899 | 1 899 |
| Фарсоиши хисобшудаи бинохои бонк | 82 451 | 76 680 |
| Фарсоиши хисобшудаи тачхизот ва воситахо | 35 037 | 32 920 |
| Харочоти фарсудашавии дороихои гайримодди | 2 543 | 2 289 |
| ФПТИ барои қарзхои дигар | 21 623 | 27 609 |
| Хароҷоти истифодаи об, барқ ва гармидихи | 14 899 | 15 140 |
| Харочоти техникаи иттиолоти | 13 558 | 5 552 |
| Харочоти таъмир ва муоинаи техники | 11 642 | 17 306 |
| Харочоти сузишвори ва равганхои молидани | 21 445 | 17 268 |
| Сафари хизмати ва рохкиро | 772 299 | 788 592 |
| Пардохти ҳақи хизмати хадамоти амниятӣ | 64 416 | 70 106 |
| Хизмати алоқа | 69 831 | 29 248 |
| Маводхои дафтардорӣ ва дигар лавозимот | 9 047 | 4 358 |
| Харочоти реклама | 795 | 1 060 |
| Харочоти намояндагӣ ва чорабинихои фарханги | 7 799 | 6 950 |
| Харочоти кироя - Фрахт ва хаткашонӣ | 2 534 | 2 038 |
| Дигар харочот | 36 600 | 41 857 |
| **Ҳамагӣ харочоти амалиётӣ** | **1 611 412** | **1 665 179** |

**ЭЗОҲИ 4.8 ХАРОҶОТИ АНДОЗ АЗ ФОИДА**

Мувофиқи сиёсати баҳисобгирии қабулгардида барои маълумотҳои ҳисоботи молиявӣ *Бонк* даромад ва хароҷотро аз рӯи усули ҳисобкунӣ эътироф мекунад.

Меъёри андоз аз фоида тибқи Кодекси Андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2013 25% -ро ташкил медиҳад.
Хароҷоти андоз аз фоида дар асоси эъломияи андоз аз фоида маблағи **3 166 392** сомониро ташкил медиҳад.

## 5. ЭЗОҲОТ БА ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ

**ЭЗОҲИ 5.1 ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА ҲАМАРЗИШҲОИ ОНҲО**

Воситахои пулӣ ва ҳамарзишҳои онҳо аз нишондиҳандаҳои зерин иборатанд:

| **Номгуй** | **2012с.** | **2013с.** |
|---|---|---|
| Хазина бо асъори милли | 327 196 | 496 164 |
| Хазина бо асъори хоричи | 1 757 900 | 877 434 |
| **Ҳамаги воситаҳои пуллӣ** | **2 085 096** | **1 373 598** |

## ЭЗОҲИ 5.2 БАРОИ ГИРИФТАН АЗ БОНКИ МИЛЛИИ ҶТ

| Номгуй | 2012с. | 2013с. |
|---|---|---|
| Суратҳисоби муросиллоти дар БМТ бо арзи милли | 2 849 847 | 3 895 034 |
| Суратҳисоби муросиллоти дар БМТ бо арзи хориҷӣ | 742 894 | 445 802 |
| **Ҳамагӣ барои гирифтан аз БМ** | **3 592 741** | **4 340 836** |

## ЭЗОҲИ 5.3 ЗАХИРАИ ҲАТМӢ ДАР БОНКИ МИЛЛИИ ҶТ

| Номгуй | 2012с. | 2013с. |
|---|---|---|
| Захираи ҳатмӣ дар БМТ бо арзи миллӣ | 62 522 | 72 159 |
| Захираи ҳатмӣ дар БМТ бо арзи хориҷи | 179 209 | 289 047 |
| **Ҳамагӣ захираҳои ҳатмӣ** | **241 731** | **361 206** |

## ЭЗОҲИ 5.4 ҶОЙГИРКУНИИ МУҲЛАТНОКИ ВОСИТАҲО ДАР ДИГАР БОНКҲОИ ҶТ

| Номгуй | 2012с. | 2013с. |
|---|---|---|
| Ҷойгиркунии муҳлатноки воситаҳо дар бонкҳои ҶТ бо а\м | 10 000 000 | 12 000 000 |
| Ҷойгиркунии муҳлатноки воситаҳо дар бонкҳои ҶТ бо а\х | 11 911 000 | 11 935 250 |
| **Ҳамагӣ ҷойгиркунии мӯҳлатноки воситаҳо** | **21 911 000** | **23 935 250** |

## ЭЗОҲИ 5.5 СУРАТҲИСОБИ МУРОСИЛОТИИ ДИГАР БОНКҲОИ БЕРУН АЗ ҶТ

| Номгуй | 2012с. | 2013с. |
|---|---|---|
| Суратҳисоби мукотибавии бонкхои ҶТ бо асъори хориҷи | 43 294 911 | 36 267 782 |
| Суратҳисоби мукотибавии бонкхои берун аз ҶТ бо асъори хориҷӣ | 2 991 151 | 11 581 063 |
| **Ҳамагӣ суратҳисобҳои муросилотии дигар бонкҳои берун аз ҶТ** | **46 286 062** | **47 848 845** |

## ЭЗОҲИ 5.6 ҚАРЗҲО БА МУШТРИЁН

| Номгуй | 2012с. | 2013с. |
|---|---|---|
| Қарзҳо ба ташкилотхои тиҷоратӣ ба арзи милли | 114 583 | 799 167 |
| Қарзҳо ба ташкилотхои тиҷоратӣ ба арзи хориҷи | - | 716 115 |
| Қарзҳо ба соҳибкорон бо арзи милли | 2 853 332 | 1 566 750 |
| Қарзҳо ба шахсони вокеъӣ бо арзи милли | 32 580 | 72 916 |
| Қарзҳо ба соҳибкорон бо асъори хориҷӣ | 952 880 | - |
| Қарзҳо ба шахсони вокеъи бо асъори хориҷӣ | 147 006 | 16 709 |
| Қарзҳои ба тахъирафтодаи ташкилотхои тичорати бо а\м | 54 850 | - |
| Қарзхои ба тахъирафтодаи шахсони вокеи бо а\х | 30 969 | 7 161 |
| ФПТИ барои карзхои ташкилотхои тичорати бо асъори миллӣ | -10 642 | - |
| ФПТИ барои қарзхои шахсони воқеи бо асъори миллӣ | -5 241 | - |
| ФПТИ барои карзхои шахсони воқеи асъори хориҷӣ | - | -7 875 |
| **Ҳамагӣ қарзхои мизоҷон** | **4 170 317** | **3 170 943** |

## ЭЗОҲИ 5.7. ФОИЗҲО БАРОИ ГИРИФТАН

| Номгуй | 2012с. | 2013с. |
|---|---|---|
| Фоизҳои ҳисобшуда барои гирифтан бо арзи миллӣ | 1 822 | - |
| Фоизҳои ҳисобшуда барои гирифтан бо арзи хориҷӣ | 334 | - |
| **Ҳамагӣ фоизҳо барои гирифтан** | **2 156** | **-** |

## ЭЗОҲИ 5.8. ДОРОИҲОИ ҶОРИИ ДИГАР

| | 2012с. | 2013с. |
|---|---|---|
| Хисобхо барои гирифтан бо арзи миллӣ | 706 | - |
| Маводхои дафтардории истифоданашуда | 1 988 | 1 988 |
| Хароҷоти пешакӣ пардохтшуда | 750 | 1 200 |
| | | |
| **Ҳамагӣ дороиҳои ҷории дигар** | **3 444** | **3 188** |

## ЭЗОХИ 5.9 ВОСИТАҲОИ АСОСӢ

| Номгуй | 2012с. | 2013с. |
|---|---|---|
| Бинои бонк (иморат) | 1 920 969 | 1 920 969 |
| Тачхизот, мебел | -825 546 | -902 225 |
| Фарсудашваии ҷамъшудаи бинои бонк | 411 026 | 443 209 |
| Фарсудашваии ҷамъшудаи мебел, таҷҳизот | -247 812 | -280 732 |
| **Ҳамаги воситахои асоси** | **1 258 637** | **1 181 221** |

## ЭЗОХИ 5.10 ДОРОИҲОИ ҒАЙРИМОДДӢ

| Номгуй | 2012с. | 2013с. |
|---|---|---|
| Дороихои ғайримоддӣ | 52 572 | 52 572 |
| Фарсоиши дороихои ғайримоддӣ | -29 686 | -31 975 |
| **Ҳамагӣ дороихои ғайримоддӣ** | **22 886** | **20 597** |

## ЭЗОХИ 5.11 АМОНАТҲОИ МИЗОҶОН

| | 2012с. | 2013с. |
|---|---|---|
| Амонатҳои тодархости резидентҳо бо асъори миллӣ | 167 137 | 327 700 |
| Амонатҳои тодархости резидентхо бо арзи хориҷӣ | 575 601 | 756 724 |
| Амонатҳои тодархости ғайрирезидентхо бо арзи миллӣ | 1 055 700 | 1 067 617 |
| Амонатҳои тодархости ғайрирезидентхо бо арзи хориҷӣ | 502 898 | 807 229 |
| Амонатҳои пасандози резидентҳо бо арзи миллӣ | 9 021 | 9 087 |
| Амонатҳои пасандози резидентҳо бо арзи хориҷӣ | 143 318 | 143 278 |
| Амонатҳои пасандозии гайрирезидентҳо бо арзи миллӣ | 2 314 | 2 314 |
| Амонатҳои пасандозии ғайрирезидентҳо бо арзи хориҷӣ | 1 604 185 | 820 650 |
| **Ҳамагӣ амонатҳои мизоҷон** | **4 060 174** | **3 934 599** |

## ЭЗОҲИ 5.12 ДИГАР АМОНАТҲО

| Номгуй | 2012с. | 2013с. |
|---|---|---|
| Суратҳисобҳои ғайрифаъоли мизоҷон бо арзи миллӣ | 63 487 | 76 968 |
| Суратҳисобҳои ғайрифаъоли мизоҷон бо арзи хориҷӣ | 77 335 | 153 967 |
| **Ҳамагӣ амонатҳои дигар** | **140 822** | **230 935** |

## ЭЗОҲИ 5.13 БАРОИ ПАРДОХТ БА БОНКҲОИ БЕРУН АЗ ҚАЛАМРАВИ ҶТ

| Номгуй | 2012с. | 2013с. |
|---|---|---|
| Суратҳисобҳои муросилотии бонкҳои хориҷӣ - а\х | 33 564 831 | 30 391 016 |
| | | |
| **Ҳамагӣ барои пардохт ба бонкҳои берун аз ҶТ** | **33 564 831** | **30 391 016** |

## ЭЗОҲИ 5.14 ФОИЗҲО БАРОИ ПАРДОХТ

| Номгуй | 2012с. | 2013с. |
|---|---|---|
| Ҳисоби муросилотии фоизҳои ҳисобшуда бо арзи миллӣ | 1 822 | - |
| Ҳисоби муросилотии фоизҳои ҳисобшуда бо арзи хориҷӣ | 334 | - |
| **Ҳамагӣ фоизҳо барои пардохт** | **2 156** | **-** |

## ЭЗОҲИ 5.15 АНДОЗҲО БАРОИ ПАРДОХТ

| Номгуй | 2012с. | 2013с. |
|---|---|---|
| Андоз аз фоида барои пардохт | 388 560 | 730 235 |
| **Ҳамагӣ андоз аз фоида** | **388 560** | **730 235** |

## ЭЗОҲИ 5.16 САРМОЯ

| | 2012с. | 2013с. |
|---|---|---|
| Сармояи саҳҳомии пардохташуда | 16 409 725 | 16 409 725 |
| Фоидаи тақсимнашуда | 21 162 932 | 21 261 087 |
| Захираҳои азнавбаходиҳии воситаҳои асосӣ | 13 430 | 13 430 |
| Фоида ва зарари соли гузашта | 3 731 440 | 3 633 285 |
| Фоида ва зарари соли ҷорӣ | - | 5 531 372 |
| Захира аз ҳисоби фоида | 100 000 | 100 000 |
| **Ҳамагӣ сармоя** | **41 417 527** | **46 948 899** |

## ЭЗОҲИ 6. ӮҲДАДОРИҲОИ ШАРТӢ

Роҳбарияти *Бонк* тасдиқ мекунад, ки ӯҳдадориҳои муҳиме ки, тавонанд ба ҳолати молиявӣ ва натиҷаҳои фаъолияти он дарояндаи наздик таъсири калони манфӣ расонанд, ҷой надоранд.

## ЭЗОҲИ 7.ҲОЛАТҲОЕ, КИ ПАС АЗ САНАИ ҲИСОБОТИ ТАВОЗУНИ БА АМАЛ ОМАДАНД.

Ҳодисаҳои муҳим баъди давраи ҳисоботӣ мушоҳида нашуданд.